**Мурочиатҳои шаҳрвандон**

Дар соли 2018 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3522 адад (с.2017 - 3864 адад) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 857 ададаш хаттӣ (с.2017 - 739) ва 2665 (с.2017 - 3125) адади дигараш мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд.

Дар Дастгоҳи марказии ВҲИ 599 адад (с.2017 – 571) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 225 ададаш хаттӣ (с.2017 - 252) ва 374 (с.2017 - 319) адади дигараш мурочиатҳои шифоҳӣ мебошанд.

Дар намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ 2923 адад (с.2017 - 3293 адад) мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо мурочиатҳои хаттӣ 632 адад (с.2017 - 487 адад) ва мурочиатҳои шифоҳӣ 2291 адад (с.2017 – 2806 адад)-ро ташкил медиҳанд.

Аз 599 мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба Дастгоҳи марказӣ воридгардида 55 адад мурочиат ё 9,1% (с.2017 - 60 адад) (аз ҷумла, 36 мурочиати хаттӣ (с.2017 - 41 адад) ва 19 мурочиати шифоҳӣ (с.2017 - 19 адад)) мусбат ҳал гардидаанд.

**Таснифи мурочиатҳо**

Аз 225 адад мурочиатҳои хаттӣ, ки ба Дастгоҳи ВҲИ ворид гардидаанд, бештар ба масъалаҳои зерин мансубанд:

**- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ** – 30 адад (с.2017 - 39) *(норозигӣ нисбати санадҳои судӣ; кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳо; мусоидат барои баррасии одилонаи парванда ва ғайра.)*

**-ҳуқуқ ба манзил** – 22 адад (с.2017 - 41) *(оид ба масъалаи маскун намудан ба манзил; ҷудо намудани ҳисса аз манзили истиқоматӣ; бартараф кардани монеа дар истифодаи манзил; азонихуд кардани манзили истиқоматӣ аз ҷониби шахси дигар бо роҳи қаллобию сохтакорӣ; аъзои оилаи молик эътироф намудан; бекор кардани шартномаи хариду фуруши манзили истиқоматӣ ва ғайра.)*

**-ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** – 25 адад (с.2017 - 23) *(шикоят аз қарор ё амали (бемалии) шахси мансабдор; норозигӣ нисбати тафтишот; оид ба эҳтимолияти истифодаи шиканҷа; муайян набудани ҷойи нигоҳдорӣ ва ғайра.)*

**-ҳуқуқ ба таъминоти ичтимоӣ (алимент)** – 10 адад (с.2017 - 26) *(муқаррар кардани алимент, саркашӣ аз пардохти алимент, иҷро нагардидани ҳалномаҳои судӣ дар ин самт, муайян набудани суроғаи ҷавобгар ва ғ.).*

**Дар мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон бештар нисбат ба қарор ё амал (беамалии) субъектони зерин шикоят карда шудааст:** *нисбат ба мақомоти судӣ – 50 адад; нисбат ба мақомоти корҳои дохилӣ – 24 адад; нисбат ба мақомоти прокуратура – 7 адад; нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ – 7 адад.*

**Мурочиатҳои шифоҳӣ (374) бештар ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:** *ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 59 адад; ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ – 28 адад; ҳуқуқ ба манзил – 31 адад; ҳуқуқ ба мурочиат – 23 адад; ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ – 45 адад.*

**Такмили қонунгузорӣ, таҳияи гузоришҳо ва иштирок дар гурӯҳҳои корӣ**

Дар соли 2018 ба 60 (с.2017 - 58 адад) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса пешниҳод шудааст.

Кормандони ВҲИ оид ба самтҳои фаъолияти мақомот 191 (с.2017 – 119 адад) гузориш, маълумот ва ахбор таҳия ва пешниҳод намудаанд.

Дар кори 39 (с. 2017 – 21) гурӯҳҳои корӣ оид ба самтҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иштироки кормандон таъмин карда шудааст.

**Таҳлили вазъи ҳуқуқи инсон ва санҷишу мониторингҳо**

Дар соли 2018 тибқи Барномаи амали мақомоти ВҲИ, мурочиатҳои шаҳрвандон, Нақшаи кори гурӯҳи мониторингӣ ва супориши ВҲИ 57 (с.2017 - 57) санҷишу мониторинг ва боздидҳо гузаронида шуд.

Ҳамчунин кормандони мақомоти ВҲИ дар 11 (с.2017 - 18) мурофиаҳои судӣ иштирок намудаанд.

**Фаъолияти намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ**

Айни замон дар 9 шаҳру ноҳияҳо ҷумҳурӣ 3 Намояндагӣ ва 6 Қабулгоҳи ҷамъиятии ВҲИ фаъолият менамоянд.

Ба намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятии ВҲИ асосан доир *ба ҳуқуқ ба манзил (69 адад), ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ (алимент, нафақа, кӯмакпулӣ) (174 адад), ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ (96 адад), ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ (97 адад) ва амсоли инҳо мурочиат кардаанд.*

Дар соли 2018 намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ 247 (с.2017 – 225) машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронидаанд, ки дар онҳо зиёда аз 12 000 нафар иштирок намуданд.

**<u>Баргузории конференсия, семинару мизҳои мудаввар ва иштирок дар онҳо</u>**

Дар соли 2018 бо ибтикори мақомоти ВҲИ ва дар ҳамшарикӣ бо дигарон 63 (с.2017 - 39) чорабинӣ (конференсия, мизи мудаввар, семинар ва ғ.) гузаронида шуд.

**<u>Иттилоотонӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон</u>**

Дар ин давра аз ҷониби кормандони мақомот 327 (с.2017 – 273) баромад дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст. Аз ин шумора 238 (с.2017 – 233) баромад аз ҷониби Дастгоҳи марказии ВҲИ ва 89 (с.2017 - 40) баромад аз ҷониби намояндагиҳо ва қабулгоҳҳои ВҲИ анҷом дода шудаанд.

Соли 2018 Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2017 таҳия, ба мақомоти давлатии дар қонун пешбинигардида ирсол, бо забонҳои русӣ ва англисӣ тарҷума, дар ВАО нашр ва бо теъдоди 600 нусха чоп карда шуданд.

Дар ин давра Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2017 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) – 300 нусха, Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2017(бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) – 300 нусха, Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон – 200 нусха, Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон (нашри II) – 1000 нусха, Роҳнамо барои омӯзиши ҳуқуқи инсон – 250 нусха, Роҳнамо аз фанни ҳуқуқи инсон барои ихтисосҳои ғайриҳуқуқшиносӣ – 1000 нусха, Ахбори Ваколатдор шумораҳои №1(26), №2(27), №3(28) – 1080 нусха, Маҷмӯи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба адолати судӣ нисбати ноболиғон - 300 нусха, Ҳуқуқҳои худро муҳофизат намо (буклет) – 2000 нусха, Ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳифзи саломатӣ (овеза) – 500 нусха таҳия ва чоп карда шуданд.

**<u>Таҳкими ҳамкориҳои мақомоти ВҲИ</u>**

Ҳамкории ВҲИ бо мақомоти давлатии ҶТ, шарикони хориҷӣ – Ваколатдорони ҳуқуқи инсони ФР ва Қазоқистон; Ваколатдорони Москва, Санкт-Петербург, Тотористон, Свердловск; Омбудсменҳои Полша, Финляндия, Қирғизистон, созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва миллӣ, аз ҷумла Барномаи Рушди СММ, ЮНИСЕФ, Созмони байналмилалии муҳоҷират, САҲА, Иттиҳоди Аврупо, “ҲЕЛВЕТАС”, Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният ва дигарон идома дода шуд.

Дар доираи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯёни курсҳои 4 ва 5 ихтисоси ҳуқуқи инсони факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ дар Дастгоҳи ВҲИ аз таҷрибаомӯзӣ гузаштанд.

**www.ombudsman.tj**

**ВАКОЛАТДОР**
**ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ВА ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР СОЛИ 2018

**Душанбе – 2019**